***УДК 321***
***ББК 66.033***

# *АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ МУНОСИБАТҲОИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА ҲАМЧУН ОБЪЕКТ ВА ПРЕДМЕТИ ТАҲЛИЛИ ИЛМӢ*

***Якубов Ҷума Калонович,*** *номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ВЗАИМООТНОШЕНИЙ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ И СРЕДСТВ МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ КАК ОБЪЕКТ И ПРЕДМЕТ НАУЧНОГО АНАЛИЗА*

***Якубов Джума Калонович,*** *к. полит. н., доцент кафедры политологии ТГУПБП;* *(Таджикистан, Худжанд)*

# *THEORETICO-METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF MUTUAL RELATIONSHIPS BETWEEN STATE POWER AND MASS MEDIA AS OBJECT AND SUBJECT OF SCIENTIFIC ANALYSIS*

***Yakubov Djuma Kalonovich****,* *Associate Professor of the department of political science under TSU LBP (Tajikistan, Khujand),* *E-MAIL:yakubovj1963@maile ru*

***Калидвожаҳо:*** *воситаҳои ахбори омма, таҳаввулоти сиёсӣ, сиёсати иттилоотии давлатӣ, идоракунии иттилоотӣ-сиёсӣ, тадқиқи сиёсати иттилоотии давлатӣ, идоракунии давлатии иттилооти оммавӣ, ҷаҳонишавии воситаҳои ахбори омма, амнияти иттилоотӣ*

*Масъалаи дараҷаи омӯзиши асосҳои назариявӣ-методологии муносибати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори оммаи мустақили Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Дар асоси таҳлили теъдоди муайяни маводи илмӣ-назариявии хориҷӣ ва ватанӣ муаллиф ба хулоса омадааст, ки масъалаи тадқиқи нақши ВАО дар сиёсат нав намебошад, вале вай барои Тоҷикситони муосир амалан коркарднашуда ва зарур маҳсуб меёбад. То ҳоло ҳозир аксар масоиле, ки ба мухтассоти вежа ва технологияи муносибатҳои ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори оммаи мустақил алоқаманд мебошанд, тадқиқ карда нашудаанд. Муаллиф барои ба мақсад ноил гардидан ҳалли якчанд масъаларо пешниҳод мекунад. Аз ҷумла, таҳлили асоситарин ҷиҳатҳои назариявии муносибати мақомоти ҳукуматӣ ва воситаҳои ахбори оммаи мустақил, муайян намудани мухтассоти вежаи муносибатҳои сохторҳои ҳукуматӣ ва воситаҳои ахбори оммаи мустақил дар шароити Тоҷикистон, тадқиқи ҳолатҳои низоъангез ва мушкилоти муносибатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори оммаии мустақил ва пайдо кардани роҳҳои ҳалли он, ошкор сохтани механизмҳо ва шароити ташаккули муносибати пурмаҳсули мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори оммаи мустақил.*

***Ключевые слова:*** *средства массовой информации, политическая трансформация, государственная информационная политика, информационно-политическое управление, исследование государственной информационной политики, государственное управление массовой информации, глобализация средств массовой информации, информационная безопасность*

*Рассматривается степень изученности теоретико-методологических*

*особенностей взаимодействия органов государственной власти и независимых средств массовой информации Таджикистана. Анализируются доступные отечественные и зарубежные научно-теоретические материалы. Сделан вывод, что проблема роли СМИ в политике не является новой, но она практически не разработана в современном Таджикистане и поэтому востребована. До настоящего времени не были изучены многие вопросы, связанные со специфическими особенностями и технологией взаимоотношений государственной власти и независимых средств массовой информации. Для достижения этой цели предлагается решение ряда задач. В их числе анализ основных теоретических положений о взаимоотношениях органов власти и независимых СМИ, выявление сущности взаимоотношений властных структур и независимых СМИ, определение специфических особенностей взаимоотношений государственной власти и независимых СМИ в условиях Таджикистана, исследование конфликтогенных ситуаций во взаимоотношениях органов государственной власти и независимых СМИ и выявление путей их решения, поиск основных механизмов и условий формирования эффективных взаимоотношений органов государственной власти и независимых средств массовой информации.*

**Key words**: *mass media, political transformation, statal informational policy, informational-political management, research of statal informational policy, state management with mass media, globalization of mass media, informational security*

*The author of the article canvasses to what extent theoretico-methodological foundations of interaction between state power bodies and independent mass media of Tajikistan have been studied designing on the premise of home and foreign scientifico-theoretical materials. The conclusion is made that the problem of MM in politics is not new, but practically it is not worked out in Tajikistan, so it is in demand. Many issues connected with specific peculiarities and technology of interrelations between state power and independent mass media have been non-studied up to the present time. In order to achieve this goal a solution of a number of assignments should be carried out. Among the latters there are: analysis of principal theoretical provisions on interrelations between state bodies and independent MM, elicitation of the essence of the relations between powerful organs and independent MM, determination of specific peculiarities of this sort of relationships under the conditions of Tajikistan. Research of conflictogenic situations and problems in mutual relations between state power bodies and independent MM is actual as well, here the author elicits the ways of solving the problems in question, quest of main mechanisms and conditions for a formation of effective mutual relations between state organs and independent MM.*

Ба мушкилиҳои муносибати ҷамъиятӣ ва равандҳои сиёсӣ Афлотун ва Арасту, Т. Гоббс ва Ж.Ж. Руссо, А. Смит ва Г. Гегел, К. Маркс ва Ф. Энгелс таваҷҷӯҳ зоҳир кардаанд. Муҳаққиқони зерин, ба мисли О. Конт, Г. Спенсер, Э. Дюркгейм, М. Вебер, М. Кастелс, Т. Парсонс ва дигар олимони ҷомеашинос тадқиқотҳои бешумор оиди муносибатҳои ҷамъиятӣ ба мерос гузоштаанд. [1] Равандҳои сиёсӣ бо гузашти замон доимо дигаргун мегарданд ва такомул ёфта, дар назди муҳаққиқон беш аз пеш вазифаҳои нав мегузоранд. Ҷомеаи муосир, ҳамчун ҷомеаи пасосаноатӣ арзёбӣ гардида, аз лиҳози мураккабияти

муносибатҳо олимон як қатор хусусияти объективӣ ва субъективии онро вобаста ба макотиб ва равияҳои илмӣ муайян кардаанд. Ҷомеаи пасосаноатӣ ҳамчун ҷомеаи демократӣ, иттилоотӣ, оммавӣ ва озод муаррифӣ гардида, дар он мавҷудияти озодии шахс, ниҳодҳои озоди иҷтимоӣ, субъектҳои худмухтори муносибати иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, воситаҳои ахбори омма ва дигар иштирокдорони нави муносибатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ба назар мерасанд. Дар чаҳорчӯбаи ҷомеаи пасосаноатӣ мо метавонем «дар мавриди фаъолияти баланди иҷтимоии аҳолӣ ва фаъолияти граждании вай, сохтори ғайримутамаркизи идора, деурбанизатсияи ҳаёт ва истеҳсолот» [2, 70] муҳокимаронӣ намоем. Илова бар ин, ҷомеаи пасосаноатӣ бинобар баланд гардидани нақш ва таъсири фарҳанги миллӣ ва этникӣ ихтилофҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва дараҷаи моҷароангезии ҷомеаро зиёд мегардонад. Ҷомеаи пасосаноатӣ бинобар аксар нишонаҳо, тазодҳову мушкилиҳо аллакай дар ҷаҳони муосир воқеият маҳсуб ёфта, ин ҳолат олимонро водор менамояд, ки иртиботу баҳамтаъсиррасонӣ ва муносибатҳои ниҳодҳои зерин, ба мисли ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори оммаро ба назари эътибори махсус гиранд, ки онҳо имконияти воқеии таъсир ба равандҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ доранд.

Қайд кардан зарур аст, ки ба идора намудани равандҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ субъектҳои бешумори воқеӣ ва захиравии муносибатҳои ҷамъиятӣ даъво доранд. Воқеан теъдоди онҳо аз рӯи мавҷудияти имкониятҳои иштирокдорони муносибатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ муайян мегарданд. Барои дарки равандҳои ҷорӣ дар доираи мушкилоти мавҷуда ҳамкорӣ, муносибат ва баҳамтаъсиррасонии дуҷонибаи контрсубъектҳои муносибати иҷтимоӣ, яъне ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори оммаро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Такмили механизми муносибати ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори омма дар баланд бардоштани идораи давлатӣ омили муҳим арзёбӣ мегардад. Дар тавсифи ҷомеаи муосир ҳамон ҷиҳатҳо афзалият доранд, ки таваҷҷӯҳ бештар ба табиати иттилоотии он нигаронида мешавад. Дар ҳақиқат ҷомеаи муосир беш аз пеш иттилоотӣ мегардад. Муносибати иттилоотӣ миёни ҳокимияти давлатӣ, ВАО ва ҷомеаи шаҳрвандӣ моҳиятан дар муносибатҳои сиёсӣ ташкил ва ифода меёбанд. Барои муайян кардани вежагиҳои тарзи идоракунии иттилоотӣ-сиёсӣ вобаста ба муносибати ҳокимият ва ВАО ва мушкилоти он ба муҳаққиқони соҳа рӯ меорем. Ҷудо намудани тарзи **идоракунии иттилоотӣ-сиёсӣ** ҳамчун самти махсуси илм водор месозад, ки ба мафҳуми анъанавии категорияи «ҳокимият» рӯ оварем. Муҳаққиқи соҳа Пугачев В.П. фаҳмишҳои теологӣ (динӣ), бихевиористӣ (рафторӣ), равонӣ, таркибӣ-вазифавӣ ва иртиботии ҳокимиятро таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки ҳокимият муносибати субъект ва объект мебошад, ки субъект бо ёрии имкониятҳои муайян объектро назорат мекунад. [3,82-84] Зикр кардан ба маврид аст, ки дар таърифи мазкури мафҳуми анъанавии «ҳокимият» аз миёни «ифодакунандаи воситаҳои таъсир» мафҳуми таъсири иттилоотӣ баён нагардидааст. Дар ифодаи ғайрианъанавии ҳокимият, ки мухтассоти ҷомеаи иттилоотии постиндустриалӣ ба назар гирифта мешаванд, аз ҷӯмлаи «объектҳои таъсири» муҳим ва зарурӣ ба шумор меравандд. Ба ҳайси субъект бошад, сиёсатмадорон ва «ҳокимияти чаҳорум»-ро низ мансуб медонанд. Ба ақидаи мо, дар ҷомеаи иттилоотии постиндустриалӣ қобили қабул аст, ки мафҳуми

«ҳокимияти чаҳорум»-ро ба истилоҳи баробарвазни «ҳокимияти иттилоотӣ» иваз намоем. Чи тавре ки маълум аст, ғайр аз ин намудҳои номбаршудаи ҳокимият, инчунин ҳокимияти иқтисодӣ ва сиёсиро низ фарқ мекунанд. Ҳокимияти иқтисодӣ «назорат бар захираҳои иқтисодӣ» [4,138] мебошад, ки онро мақомоти иҷроияи давлатӣ, сохторҳои хусусӣ, ассотсиатсияҳо, корпоративҳо амалӣ менамоянд. Онҳо асосан ба фаъолияти иқтисодӣ машғуланд ва бевосита ба сиёсати ҳокимияти давлатӣ дахл наменамоянд, вале кӯшиш мекунанд, ки вобаста ба манфиати иқтисодиашон муносибат кунанд. Воситаи чунин муносибат иттилоот, ҳамкории иттилоотӣ маҳсуб меёбад.

Ҳокимияти сиёсиро асосан ҳокимияти давлатӣ дар симои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олӣ, мақомоти судӣ амалӣ мегардонад. Онҳо қонунҳо, меъёрҳо, қоидаи рафторро ҳам дар сиёсат ва ҳам дар иқтисодиёт коркард менамоянд, ки муносибатро бо тамоми субъектони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат ба танзим медароранд. Ҳам ҳокимияти сиёсӣ ва ҳам ҳокимияти иқтисодӣ ҳамчун як ҷузъи том яке дигареро назорат менамоянд, вале мухтассоти худро гум намекунад. Барои таъмини ягонагиву, ҳамкорӣ ва баҳамтаъсиррасонии ҳокимияти иқтисодӣ ва сиёсӣ, идоракунии иқтисодӣ ва сиёсии давлат ва ҷомеа ба сифати воситаҳои аввалиндараҷа менеҷменти иттилоотӣ, идоракунии иттилоотӣ-сиёсӣ тавассути бозори масс-медиа пешниҳод мегардад. [5,355] Сиёсати иттилоотӣ дар радифи ҳокимияти сиёсӣ ва иқтисодӣ қарор мегирад. Дар шароити бунёди ҷомеаи иттилоотӣ ин раванди қонунӣ маҳсуб меёбад. Вобастагии низоми ВАО аз режими сиёсӣ яке аз муносибатҳои воқеии онҳо буда, ҳамкории ҳокимият ва ВАО барои ҳар ду ҷониб муфид арзёбӣ мегардад. Ниҳоди ВАО бояд нисбат ба ҳокимият мавқеи мухолифро дошта бошад, вале мавқеи хеле конструктивӣ, яъне барпо кардани робитаи ВАО бо ҳокимият ва баръакс, инчунин зарурати ташкили муносибати ҳамкории иҷтимоӣ ба манфиати ҷомеа, рушди технологияи иттилоотӣ баҳри муколама ба ҷойи муносибатҳои манипулятивӣ ва тоталитарӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар шароити бозор ВАО дар баробари «вазифаи нави иқтисодӣ» бояд вазифаи нави сиёсиро низ рушд диҳанд, манфиатҳои сиёсии Тоҷикистон, ҷомеаи шаҳрвандии он ва давлатро ифода намоянд. Барои ҳамин ҳам, амалинамоии вазифаҳои ВАО-ро набояд бо мафҳумҳои «сиёсатзадагӣ» ё худ «сиёсатмаобӣ» омехта сохт, ки муносибати манфии ВАО-ро бо ҳокимият ифода мекунад. Идораи коммуникатсияи сиёсӣ мазмуни идораи низоми сиёсиро дорад. Ва ядрои низоми сиёсӣ ҳокимият, ё худ ҳокимияти давлатӣ мебошад. Барои ҳамин ҳам, идораи иттилоотӣ-сиёсӣ вазифаи ҳам ҳокимияти давлатӣ ва ҳам вазифаи ВАО маҳсуб меёбад. Моҳияти ҳамкории ҳокимият ва ВАО-ро мо дар консепсияи Н. Луман оид ба табиати коммуникативии ҳокимият, инчунин дар назарияи Ю. Хабермас оид ба табиати коммуникативии муносибатҳои иҷтимоӣ вомехӯрем.

Мо ҷонибдори назарияе мебошем, ки ба қонунияти объективӣ ва ё ба вазифаи объективии ВАО ишора мекунад, бешак тасдиқ менамоем. Вай дар он ифода мегардад, ки ВАО «ба ҳамон дараҷа, ки бояд манфиати давлатро қонеъ ва дифоъ намоянд, ҳокимият низ ба ҳамин миқдор бояд манфиати ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳар як шахсро ҳифз намояд». [6,20] Тибқи тезиси мазкур ғояи дур шудани ВАО аз ҳокимиятро ҳаргиз тарафдорӣ наменамоем. Дар баробари ин вазифаи асосии ВАО – хидмат ба ҷомеаи шаҳрвандиро нодид гирифта наметавонем. Мутобиқан вазифаи ВАО бояд ҳам ҳидмати низоми сиёсиро ба ҷо

орад ва ҳам онро идора намояд. Ин ду вазифаи ВАО ҷудонопазиранд. Маҳз барои ҳамин ҳам аз лиҳози муносибати илмӣ ба тарзи идоракунии иттилоотӣ-сиёсӣ тезиси ҳамкории муфиди тарафайн миёни ҳокимият ва ВАО қобили қабул аст. Ҳини коркарди назария ва амалияи менеҷменти иттилоотӣ, идоракунии иттилоотӣ-сиёсӣ набояд вазифаҳои хидматрасонӣ бо идоракунӣ зид гузошта шаванд. Объективона ягонагии онҳо танҳо дар иҷрои ҳар ду вазифа ифода меёбад. Дар ин маврид қодир ҳастанд, ки раванди «сиёсигардии масс-медиа» ва «медиагароии сиёсат»-ро қувват бахшанд. Аз ин нуқтаи назар ба андешаи мо илман исбот кардани аз ҷониби давлат ва низоми сиёсӣ идора нагардидани кулли коммуникатсияи сиёсӣ ғайриимкон аст.

Котегорияи «иттилоот», «иттилооти сиёсӣ», инчунин «иттилооти оммавӣ», «коммуникатсияи оммавӣ» имконият ва василаи ҳокимият дар идоракунии иттилоотӣ мебошанд. Иттилооте, ки аз ҷониби одамон аз миёни ҷараёни хабарҳои мухталиф барои омодагӣ ва қабули қарорҳои зарурӣ дар соҳаи ҳокимияти давлатӣ ва ё иҷрои вазифаҳо ва амалҳои дигар интихоб мегарданд, ҳамчун иттилооти сиёсӣ номида мешавад. Ба ин маънӣ иттилоот ҳамчун омили асосии фаъолияти ҳар як субъекти сиёсӣ ва имконияти муҳим мебошад, ки дар соҳаи сиёсат ҳамкории пурмаҳсулро барои соҳиб гардидан ба ин ё он мақсад шароит фароҳам меорад. [7] Аниқтараш, иттилооти сиёсӣ низоми маълумоти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, субъектҳои сиёсӣ мебошад, ки ба таври оммавӣ эълон ва ошкоро пешниҳод мегардад. Иттилооти сиёсӣ маҷмӯи маълумот, анбӯҳи хабару навигариҳо оид ба факту далелҳо, падидаҳо ва воқеоту рӯйдодҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа мебошад. Аз ин ҷо бармеояд, ки **якум**, иттилооти сиёсӣ барои тайёр ва қабул кардани қарори дахлдори идорӣ дар соҳаи ҳокимияти давлатӣ зарур мебошад. **Дуюм**, иттилоот омил ва захираи муҳими фаъолияти ҳар як субъекти сиёсӣ ва ҳамкории пурмаҳсул дар самти сиёсат барои ноил гаштан ба ин ё он мақсад мебошад. Ҳамин тариқ, чунин хулосабандӣ намудан амри воқеист: дар шароити бунёди ҷомеаи иттилоотӣ типи ҷадиди фаъолияти иҷтимоӣ, яъне фаъолияти коммуникативӣ-иттилоотӣ (ё худ «журнализм», бо ибораи С. Свитич) рушд мекунад ва он типи нави муносибатҳои ҷамъиятӣ – муносибатҳои иттилоотиро дар шароите ташаккул медиҳад, ки равандҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ барои сиёсат муҳимияти аввалиндараҷа касб менамоянд. Ҳар як намуди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар асоси қонуниятҳои худ инкишоф меёбад. Талаботи объективонаи ин қонунҳо, ба ҳисоб гирифтани он дар амалияи иҷтимоӣ зарурати идораи ҳаматарафаи низомро аз ҷониби субъекти муносибати мазкур пешбинӣ менамояд. Вале зарурати идораи муносибати иттилоотӣ тавассути фаъолияти коммуникативӣ-иттилоотӣ талаботро ба намуди нави менеҷмент, яъне менеҷменти иттилоотӣ тибқи назарияи умумии идора пеш овард.

Синтези фаъолияти иттилотӣ ва сиёсӣ, муносибатҳои иттилоотӣ ва сиёсӣ боз як намуди вежаи муносибатҳои ҷамъиятӣ - муносибатҳои иттилоотӣ-сиёсиро ташаккул медиҳанд. Истифодаи бошуури талаботи объективонаи қонунҳои рушди ин муносибатҳо ба манфиати ҷомеа вазифаи коркарди назария ва амалияи тарзи идоракунии иттилоотӣ-сиёсӣ ва сиёсӣ-коммуникативиро пеш мегузорад. Муносибати сохтори ҳукуматӣ ва ВАО-ро омӯхта истода хуб дарк кардани ин раванд муҳим аст. Тавре ки зикр гардид, мақсади ҳокимият дар соҳаи масс-медиа дар асосноккунии машруият ва мубрамият бахшидан ба мақсадҳои худ тавассути дастгирии оммавӣ зоҳир мегардад. Барои ба ин мақсад расидан ҳокимият ба воситаи муоширати байни

одамон ниёз дорад, ки нақши чунин василаро воситаҳои ахбори омма мебозанд. ВАО ба муносибат бо сохторҳои ҳукумат ворид гардида, мақсади иҷрои талаботи иттилоотии ҳар як шахс, умуман кулли ҷомеа, ифодаи оммавии манфиатҳои ҷамъиятиро пайгирӣ менамоянд. Аз ҷониби дигар фаъолияти ВАО ба гирифтани даромад аз қонеъ гардонидани аудитория, яъне рекламадиҳандаҳо ва ҳам мақомоти ҳукуматӣ равона мегардад. Ҳамин тариқ, мо метавонем тасдиқ намоем, ки муносибати ВАО ва ҳокимият аз лиҳози самтҳои мухталифи фаъолияти онҳо ва мавҷудияти манфиатҳои вежа ба таври кофӣ характери ихтилофнок доранд.

Барои дарки мухтассоти вежаи муносибати ҳокимияти давлатӣ ва ВАО ин муносибатҳоро ҳамчун ҷузъи таркибии раванди сиёсӣ ҳисобидан ба мақсад мувофиқ аст. Дар давраи таҳаввулоти сиёсии глобалӣ ҳокимияти давлатӣ ва ВАО сифатан ба зинаи нави муносибат гузаштаанд. Сиёсати иттилоотӣ барои давлат ҳамчун яке аз василаҳои марказии идоракунӣ мебошад. Барои ВАО ҳокимияти давлатӣ дар симои мухталиф, аз ҳамкори мувофиқ сар карда то рақиби хавфнок дар фазои иттилоотӣ баромад менамояд. Давлат ва воситаҳои ахбори омма ба сифати ниҳоди сиёсии муҳим ва субъектҳои асосии коммуникатсияи сиёсӣ иштирокдори воқеии раванди сиёсӣ маҳсуб меёбанд.

Ин ҷо зикр кардан ба маврид аст, ки муносибати субъектони раванди сиёсӣ бе додугирифти иттилоот ғайриимкон аст, яъне комуникатсия истифодаи воситаҳои махсуси иттилоърасониро тақозо мекунад, ки иродаи ягона, умумият ва фаъолияти дастаҷамъонаи одамони зиёдро таъмин намояд. Дар баробари ин, ВАО сарчашмаи нодири ҳам гирифтани иттилоот ва ҳам паҳну пахши он мебошанд. Барои ҳокимияти давлатӣ ҳам ин ва ҳам он ҷиҳати фаъолияти ВАО муҳим мебошад. Дар ҳоле, ки барои худи воситаҳои ахбори омма, пеш аз ҳама, паҳну пахши иттилоот муҳим мебошад, маҳз дар давраи ташаккули афкори умум зарурати муносибати ҳокимияти давлатӣ ва ВАО ба миён меояд. Дар ин маврид ҳар ду ҷониби иштирокдори раванди сиёсӣ ҳавасмандии баробар доранд.

Чунин вижагии ҳамкорӣ нишонаи ҳатмии фаъолияти пурмаҳсули низоми сиёсии ҳар як давлат маҳсуб меёбад. Тавони ҷомеа оид ба таваҷҷӯҳ зоҳир кардан ба талаботи рӯзафзуни фардҳо, мутобиқгардӣ ба шароити тағйирпазир аз ҷониби низоми сиёсӣ таъмин карда мешавад, ки ҳамчун маҷмӯи ниҳодҳои сиёсӣ, сохторҳои ҷамъиятӣ, инчунин ҳамкории онҳо фаҳмида шуда, дар онҳо ҳокимияти сиёсӣ ва таъсири сиёсӣ амалӣ мегарданд. Низоми сиёсии ҷомеа манфиатҳои мухталифи гурӯҳҳои иҷтимоиро ифода менамояд, ки бевосита ва ё тавассути ташкилот ва ҳаракати худ ба ҳокимияти сиёсӣ таъсири муайян мерасонанд. Ин манфиатҳо бо ёрии сохторҳои аз ҷиҳати сиёсӣ идорашаванда, тавассути раванди сиёсӣ, яъне бо роҳи қабули қарор ва амалисозии қарорҳои сиёсӣ ба роҳ монда мешаванд. Дар раванди мазкур низоми сиёсӣ ҳамчун маҷмӯи зернизомҳои ҳамкорикунанда фаҳмида мешаванд. Дар сохтори низоми сиёсӣ аз рӯи қоида се зернизом ҷудо карда мешаванд: институтсионалӣ, меъёрӣ–танзимкунанда ва иттилоотӣ–коммуникативӣ. Зернизоми иттилотӣ-коммуникативӣ иртиботро миёни ниҳодҳои низоми сиёсӣ барпо мекунад, инчунин мушахассоти ҳамкории давлатро бо воситаҳои ахбори омма муайян месозад. Ба унсурҳои зернизоми мазкур каналҳои паҳну пахши иттилоот, ки ба мақомоти ҳукуматӣ мансубанд, инчунин воситаҳои коммуникатсияи оммавӣ, аз ҷумла, матбуот, радио ва телевизион, шабакаҳои иҷтимоии глобалӣ дохил мешаванд. Аҳамияти ин зернизом бузург мебошад, зеро ҷомеа ба фаъолияти

сиёсӣ танҳо ҳангоми мавҷуд будани ҳаҷми муайяни дониш ва иттилоот баҳо дода метавонад.

Ҳамин тариқ, мавҷудияти мақсад ва усулҳои мухталиф, сохторҳо ва иштирокдорони равандҳои сиёсӣ, инчунин дигар ҷиҳатҳои ҳалли вазифаҳои мушаххас дар соҳаи ҳокимияти давлатӣ сохтори мураккабу бисёрҷабҳаи додугирифти иттилоотӣ-коммуникативиро миёни одамон тақозо менамояд. Дар заминаи ҳар як равандҳои иттилоотӣ сохтори мӯҷази коммуникатсия маҳфуз буда, таҳлили он ба муайян намудани ҷиҳатҳои принсипалии вай имкон медиҳад, ки ин ҳолат ба ҳар як низом ва раванди додугирифти иттилоот мансуб аст. Мутобиқан, чи тавре ки муҳаққиқи соҳа Олвин Тофлер зикр мекунад, дар охири асри ХХ – ибтидои ХХ1 маҳз иттилоот захираи калидии ҳокимият мегардад. [8,16] Дар фаҳмиши васеи коммуникатсияи сиёсӣ – ин «додугирифти иттилоот миёни субъектони ҳаёти сиёсӣ, инчунин миёни давлат ва шаҳрвандон», ки метавонад дар шакли расмӣ ва ғайрирасмӣ ҷорӣ гардад. Ғайр аз ин «комуникатсияи сиёсӣ ҳамчун хусусияти функсионалии яке аз ҷузъиёти низоми сиёсии ҷомеа чун зернизоми махсуси он баррасӣ мегардад», [9, 331] ки миёни ниҳодҳои системи сиёсӣ иртибот барқарор менамояд.

Барои роҳбарӣ ва амалигардонии сиёсат одатан ҷараёни амудии иттилоот аз ҷониби халқ ба ҳукумат ва баръакс, аз ҳукумат ба халқ талаб карда мешавад. Вай ба фароҳам овардани муносибати тарафайн миёни ҷомеа ва давлат мусоидат менамояд. Ғайр аз ин ҷараёни уфуқии иттилоот миёни зинаҳо ва мақомоти ҳукуматӣ низ зарур аст. Дар аксар маврид ба туфайли чунин раванди мухталифсамти коммуникатсионӣ як шакли муносибат миёни одамон, ҷомеа ва ҳукумат ба вуҷуд меояд, эҳтиром ба ҳукумат ташаккул ёфта, давлатдорӣ рушд мекунад, ки ба демократисозии раванди сиёсӣ мусоидат менамояд.

Аз нуқтаи назари сиёсӣ, пеш аз ҳама, он муҳим аст, ки ВАО усули шинохти оламро тағйир дода, сиёсати оммавиро ба медиараванд мубаддал ва онро мазҳари сиёсати оммавӣ сохта, дар баробари ин, дар раванди коммуникативӣ тағйироти судмандро мусоидат намуданд. Ин мавқеи коммуникатсияро дар раванди сиёсӣ тағйир дод. Моҳияти тағйироти зерин дар он ифода меёбад, ки «… ВАО баръакси сиёсатмадорони анъанавӣ ба сифати субъекти фаъоли раванди сиёсӣ зуҳур кард». [10, 443]

Ба ҳамагон маълум аст, ки ВАО имкониятҳои хеле мухталиф ва зӯри таъсирро доранд, ки пеш аз ҳама, аз усули истимои шунаванда ва ё бинандаи он вобаста мебошад. Таъсири оммавӣ ва неруманди сиёсиро ба аудитория ВАО-и аудиовизуалӣ, яъне қабл аз ҳама, радио ва телевизион доранд. Дар баробари ин матбуот дар коркарди стратегия ва тактикаи рушди ҷамъиятӣ на танҳо баҳри амалисозии ҳамон манфиатҳои иҷтимоие, ки бевосита ҳукумати имрӯза ширкат меварзад, балки ҳамчун назоратчӣ ва танқидгари ҳокимияти иҷроия ва қонунгузор баромад менамояд. Ҳамаи ин водор месозанд, ки ба хулосае оем, ки ВАО дар самти таъсири сиёсӣ имконииятҳои бемаҳдуди амалӣ дошта, манфиатҳои ҳокимияти давлатиро дар як сӯ монда наметавонад. Ғайр аз ин, муҳаққиқони соҳа тасдиқ менамоянд, ки ВАО дар ду раванди ба ҳам мутақобили ташаккул ва амалигардии ҳокимият ширкат меварзад. «*Аз як тараф*, ташаккули коммуникативии ҳокимияти қонунӣ, ки дар раванди аз ҳар як таҳқиру таъқиб озод тавлид меёбад, *аз дигар тараф*, чунин таъмини қонуннокиро ҳокимияти давлатӣ кӯшиш мекунад, ки дар паланди системаи сиёсӣ тавассути коммуникатсияи сиёсӣ идора намояд». [11,64]

Мақомоти қонунгузор вазифаи танзими қонунии фаъолияти ВАО-ро иҷро карда,

онро бо тамоми ҳуқуқу меъёрҳо ва санадҳои зарурӣ таъмин менамояд. Ҳуқуқ ба озодии баён дар ҳуҷатҳои зерини байналхалқӣ, ба мисли Конвенсияи Аврупоӣ дар бораи ҳуқуқи инсон, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва дар моддаи 19-ми Пакти байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (МГГПП) асоснок карда шудааст, ки ҳуҷҷати ахирироТоҷикистон дар соли 1999 қобили қабул шуморид ва ӯҳдадории иҷрои онро ба зимма гирифт. [12,64] Аз ин нуқтаи назар Дар Конститутсияи Тоҷикистон чунин омадааст: «Ба ҳар кас озодии баён, матбуот, ҳуқуқ ба истифодаи воситаҳои ахбор … кафолат дода мешавад. Сензураи давлатӣ … манъ аст». [13, 39-40] Дар заминаи моддаи 30-ми Конститутсияи ҶТ дар Қонуни ҶТ «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» чунин омадааст: «Ҳар кас ҳуқуқи озоди ҷустуҷӯ, гирифтан, додан, навиштан ва паҳни иттилоотро … дорад. Озодии ахбори оммавӣ кафолат дода мешавад». [14, 91]

Аз миёни кафолатҳои конститутсионӣ, аз ҷумла, озодии иттилооти оммавӣ, инчунин фаъолияти озоди иқтисодӣ ва ҳуқуқ ба моликияти хусусиро, ки дар моддаҳои 8, 34 ва 35-и Конститутсия ифода ёфтааст, зикр кардан ба маврид аст. Инчунин, дар Қонуни асосӣ принсипи гуногунандешии идеологӣ (моддаи 8) пешбинӣ менамояд, ки ҳеҷ як идеология ба сифати давлатӣ ва ё ҳатмӣ баромад намекунад. Ба ин нигоҳ накарда механизмҳои муайяне ташаккул меёбанд, ки тавассути мутамаркизгардонӣ ва инҳисороти воситаҳои ахбори омма ба муқобили гуногунақоидии иттилоотӣ мебароянд. Моддаҳои алоҳида давлатро аз сиёсати иттилоотии ВАО дур месозад. Яъне ҳокимият наметавонад ба номгӯ ва мухтассоти иттилооти паҳну пахшшаванда дахолат кунад, ғайр аз он ҳолате, ки мавод ғайриқонунӣ арзёбӣ гардад. Вазифаи асосии мақомоти қонунгузор ба танзим даровардани заминаи ҳуқуқӣ ва назорати иҷрои ҳатмии қонунҳо бидуни дахл ба фаъолияти дигари ВАО маҳсуб меёбад.

Вале муносибати дуҷонибаи ҳокимияти давлатӣ ва ВАО танҳо бо муайян кардан ва иҷрои меъёрҳои қонун маҳдуд намегарданд. Агар яке аз вазифаҳои ВАО иттилоотрасонии оммавии ҷомеа дар бораи самтҳои мухталифи фаъолияти ҳокимият бошад, он гоҳ вазифаи ҳокимият иборат аз он аст, ки чунин ахборро ба онҳо бе назардошти маълумоти сирри давлатӣ ба пуррагӣ пешниҳод намояд. ВАО дар ин маврид ҳамчун миёнарав миёни ҳокимият ва ҷомеа баромад менамоянд. Ҷомеа ҳавасманд аст, ки маҳсулоти иттилоотии босифат ва воқеиро истимоъ намояд. Ҳокимият дар навбати хеш, инчунин, ҷониби манфиатдор мебошад, зеро иттилооти пай дар пай, фаврӣ ва воқеӣ дар бораи фаъолияти вай ба болоравии маҳсулнокии кор мусоидат менамояд. Дар баробари ин, иттилоотигардонии мақомоти ҳокимияти давлатӣ вазифаи бисёрҷабҳа буда, ғайр аз пурмаҳсулгардонии кори дастгоҳи давлатӣ бояд мақсадҳои дигар низ дошта бошад, яъне тағйир додани мухтассоти ҳамкории мақомоти идора бо қишрҳои васеи аҳолӣ бо назардошти фикри онҳо, пешниҳоди иттилоот оид ба нақшаҳо ва натиҷаи фаъолият ва ғайра маҳсуб меёбад.

Ҳокимият на танҳо ба иттилоърасонӣ оид ба фаъолияти худ хоҳиш дорад, балки ба чи тарз ба омма пешниҳод гардидани иттилооти мазкур низ манфиатдор мебошад, зеро дараҷаи боварии ҷомеа ба сиёсати ҳукумат маҳз аз ҳамин вобаста мебошад. Бояд тазаккур дод, ки истифодаи ВАО ҳамчун василаи таъсир ба афкори ҷомеа ба назар мерасад. Дар баробари ин ҳокимият дарк мекунад, ки ВАО дар фиреби сиёсӣ ва таъсир ба шуури омма имконияти васеъ доранд ва дар ин замина қодиранд, ки афкори умумро ташаккул диҳанд.

Бояд тазаккур дод, ки ВАО бо афкори умум муносибати зич доранд. Сарогози ин муносибат интихоб ва омода гардонидани иттилооти ба ҷомеа паҳну пахшшаванда мебошад. Фаъолияти минбаъдаи акторҳои сиёсат аз иттилооти гирифтаашон вобастагии калон дорад. «Дар худ доштани иттилооти муҳим маънои дар даст доштани ҳокимиятро дорад, вале имконияти паҳну пахши иттилооти муҳим ва ё маҳфуз доштани он бо диду салоҳияти худ маънои ду баробар ҳокимият дар даст доштанро ифода мекунад». [15,60] Журналистика афкори умумро дар худ ҳифз мекунад, мутамаркиз ва ғанӣ мегардонад, ҳамчун минбар хизмат карда, иттилоот мерасонад ва инчунин, онро ташаккул медиҳад, аз номи вай баромад мекунад. Ҳамаи ин давлатро водор месозад, ки ба раванди ҳамкорӣ бо ВАО пардозад. Мо ба хулосае омадем, ки ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори омма ба якдигар василаҳои вежаи фишор доранд. Чи тавре ки маълум гашт, ВАО дар ин маврид захираи иттилоотии бойи худ ва алоқамандии бевоситаи хеш бо аҳолиро истифода мебарад. Давлат, дар навбати хеш, ки дорои имконияти васеи мақомотӣ ва молӣ дорад, кӯшиш мекунад, ки тавассути маблағгузорӣ, ё худ бо роҳи ба даст овардани дастаи саҳмияҳои ВАО-и дар кишвар ё минтақа бонуфуз имиҷи мусбати худро офарад. Тамоюлоти мазкур воқеан ба назар мерасад, зеро дар шароити ҷадиди амалияи иқтисодӣ вазифаи асосии ВАО ба даст овардани даромад ҳисоб мешавад, ки ин кор бе пуштибон ва бе мадади ҷониби манфиатдор на ҳамеша имконпазир аст. Ба вежа ҳузури давлат ва ё рақиби он дар давраи маъракаи пешазинтихоботӣ ба баъзе ВАО, махсусан ба воситаҳои ахбори оммае, ки тиражи калон ва ё фазои иттилоотии васеъ доранд, даромади калон меорад. Дар баробари ин, зикр кардан муҳим аст, ки иштироки ВАО дар раванди интихоботӣ дар аксар маврид бо «ҷангҳои информатсионӣ» ҳамоҳанг мегарданд, ки баҳри соҳиб гаштан ба захираҳои ҳокимият миёни рақибони сиёсатмадор ба вуҷуд меоянд. Барои ҳамин ҳам тамоюли муҳимми солҳои охир дар Тоҷикистон зуҳури муассисаҳо ва холдингҳои иттилоотии мустақил ва ҳам давлатӣ амри воқеист. Вале чунин сиёсати иттилоотӣ қишрҳои васеи ҷомеаро аз иштирок дар раванди сиёсӣ дур месозад. Шаҳрвандон танҳо тамошобини муборизаи манфиатҳо шуда, имконияти изҳори ақидаи хешро гум мекунанд. ВАО баҳри фоида ба даст овардан муҳимияти аввалияи хеш, яъне ба таври воқеӣ ва беғаразона ба аҳолӣ дар бораи воқеаву ҳодисоти кишвар иттилоот расониданро фаромӯш сохта, дар дасти давлат ва ё мухолифин сипар мегарданд. Вазъиятро боз ҳамон омил мураккаб мегардонад, ки ВАО воқеан имконияти баланди манипулятсияи афкори умумро доранд. Шахсе, ки имрӯз имконияти бидуни иттилоот фаъолият карданро надорад, бешубҳа гаравгони маҳсулоти иттилоотӣ ва бинобар ин, объекти осони технологияи манипулятивии ВАО мегарданд. [7] Ғайр аз ин тасдиқ кардан бамаврид аст, ки муносибати ҳокимияти давлатӣ ва ВАО дар раванди муосири сиёсӣ ду шаклро дарбар мегирад: **ҳамкорӣ ва моҷаро**. Он чиро, ки ба ҳамкорӣ мансуб аст, дар ин маврид ҳукумат ба ВАО гузашт мекунад ва дар бораи фаъолияти худ маълумоти мухталифро дастрас мекунад. ВАО дар навбати хеш, ҳамчун миёнарав миёни давлат ва ҷомеа кулли маълумоти аз ҳукумат гирифтаашро ба шунаванда мерасонад. Дар баробари ин, воситаҳои иттилоотӣ дар аксар маврид ба дастгоҳи давлат мубаддал мешаванд ва афкори умумии ба ҳукумат заруриро ташаккул медиҳанд, ки баъзан баҳри обрӯйи кутоҳмуддат ба

манфиати давлат ҳам муқобил меистад. Хоҳиши ғалаба дар интихоботи дар пешистода ҳукуматро «маҷбур» месозад, ки ба имкониятҳои матбуот рӯ оварад ва ба афкори умум таъсир расонад.

Моҳияти моҷаро миёни ҳокимияти давлатӣ ва ВАО дар он аст, ки ВАО бо қарори қабулкардаи ҳукумат розӣ набуда, кӯшиш мекунад, ки ба ҳақ будани худ шунавандаро бовар кунонад. Сабабгори чунин норизоӣ ҳам кӯшиши редаксия оид ба ошкор кардани воқеият ва нуқсонҳои сохтори ҳукуматӣ ва ҳам фармоиши сиёсии рақибони ҳукумати мавҷуда мебошад.

Таҳлил нишон медиҳад:

- якум, дар шароити муосир вақте ки ҳокимияти давлатӣ ва низоми воситаҳои ахбори оммаи мамлакат давраи тезутунди ташаккулро ба итмом расонидаанд, оид ба тамоюлҳои мавҷуда зикр кардан ба маврид аст, ки «қавоиди бозӣ» ҳам барои матбуот ва ҳам барои давлат то ба охир муайян шудаанд, ки дар он маблағ нақши муҳимро мебозад. Дар натиҷа дар кишвар ду намуди воситаҳои ахбори омма ба вуҷуд омадаанд. Воситаҳои ахбори оммаи расмӣ манфиати давлатро ифода мекунанд, воситаҳои ахбори оммаи хусусӣ бошанд, аз нуқтаи назари танқидӣ муносибат менамоянд. Ҷомеа дар ин бозии манфиатҳо аксар вақт ҳамчун тамошобин мемонанд, ё ки ҳамчун зоча дар дасти ҷонибҳои рақиб қарор мегиранд.

- дувум, дар шароити демократӣ вақте ки пешомади ҳукуматро ҷомеа бо иштироки сиёсии бевосита муайян месозад, фаъолияти ВАО-и мустақил ҳамчун муайянкунанда махсуб меёбанд, зеро онҳо барои ҳукумат омили субот буда, умрашро дароз мекунанд. Воситаҳои ахбори оммаи мустақил дар навбати хеш, ҷавобан аз давлат фаъолияти озод ва дастгирии молиро интизоранд, ки он яке аз омилҳои муҳимми таконидиҳандаи амалияи онҳо махсуб меёбад.

- сеюм, дар раванди сиёсии муосир муносибат миёни давлат ва воситаҳои ахбори оммаро метавон ҳамчун вобастагии мутақобили ду субъекти сиёсӣ арзёбӣ намуд, ки ҳар яке манфиатҳои алоҳидаро пайгирӣ мекунанд ва амалӣ намудани он бидуни якдигар ғайриимкон аст. Ҳукумат дар ин маврид вазифа ва дурнамои фаъолиятро коркард мекунад, ВАО бошанд, ҳамчун василаи амалисозии он баромад мекунанд. Вобаста ба ин зикр кардан бамаврид аст, ки ҳокимияти давлатӣ ва ВАО бевосита ба ҷараёни раванди сиёсӣ таъсир расонида, самтгирии он ва пурмаҳсулнокии онро муайян месозанд.

***Пайнавишт:***


1. *Вебер, М. Избранные произведения. - М: 1990; М. Кастельс. Информационная эпоха: Экономика, общество, культура. - М., 2000; P a r s o n s T. Sociological Theory and Modem Society. New York, 1967. P. 308. Рахмонов Э. Политика мира и созидания. - Душанбе: Ирфон, 2001.*
2. *Политическая энциклопедия. Т.2. -М., 1999.*
3. *Пугачёв В.П., Соловьев А.И. Введение в политологию. 2-е изд. – М., 1996. – 320 с.*
4. *Холиқӣ А.,Ҷӯрабоев Ҷ. Сиёсатшиносӣ: мафҳуму назарияҳо ва ҷадвалҳои мантиқӣ.Хуҷанд: Ношир, 2013.- 564 с.*
5. *Годин В.В. Управление информационными ресурсами. - М.: Инфра-М, 2008. –452 с.*
6. *Богомолова Н.Н. Социальная психология массовой коммуникации. –М .: Аспект-Пресс, 2010. - 193 с.*

7. *Зимин А.Е. Особенности взаимодействия государственной влвсти и средств массовой информации в современной России: дисс. канд. полит. наук. - Ставрополь, 2005. -193 с. www. dissercat. com. [22.09. 2020]*
8. *Тоффлер О. Проблема власти на пороге XXI века //Свободная мысль. 1992. - №2. – С. 16.*
9. *Зокиров Г.Н. Политология. - Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 520 с.*
10. *Гаджиев К.С. Политология. - М.: Логос, 2001.- 488 с.*
11. *Комиссаров В.С.Государственная служба и СМИ. – Воронеж: Издательство им. Е.А. Болховитинова, 2003. – 210 с.*
12. *Доступ к информации в Таджикистане (2005-2009 гг.) Настоящий отчет подготовлен экспертами Национальной ассоциации независимых СМИ Таджикистана в рамках проекта «Усиление сети содействия свободе выражения в Таджикистане» при поддержке Представительства «Интерньюс Нетуорк» в РТ и Агентства США по международному развитию (USAID). http:// nansmit.tj /13958/*
13. *Конституция Республики Таджикистан. - Душанбе, 2003. - 41с.*
14. *Каршибаев Н. Власть и пресса: взаимодействие пресс-служб государственных органов со СМИ (Руководство для пресс-секретарей и журналистов по доступу к информации). - Душанбе: Сармад-Компания, 2013. - 101с.*
15. *Politikwissenschaft: eine Grundlegung. Bd. 2. Stuttgart; Berlin; Koln; Mianz: hrsg von Klaus von Beume. 1987. P. 60*


***Reference Literature:***


1. *Veber M. Selected Works. – M.: 1990; Castels M. Informational Epoch: Economics, Society, Culture. – M., 2000; Parsons T. Sociological Theory and Modern Society. New York, 1967. – p. 308; Rakhmonov E. Policy of Peace and Creation. – Dushanbe: Cognition, 2001*
2. *Political Encyclopedia. V.2. – M., 1999*
3. *Pugachyov V. P., Solovyov A. I. Introduction into Politology. The 2nd edition. – M., 1996. – 320 pp.*
4. *Kholiki A., Djuraboyev Dj. Political Science: The Notions of Logical Theories and Schemes. Khujand: Publisher, 2013. – 564 pp.*
5. *Godin V. V. Management with Informational Resources. – M.: Infra-M. 2008. – 452 pp.*
6. *Bogomolova N. N. Social Psychology of Mass Communication. – M.: Aspect-Press, 2010. – 193 pp.*
7. *Zimin A. Ye. Specifies of Interaction between State Power and Mass Media in Contemporary Russia. – Candidate dissertation in political sciences. – Stavropol. 2005. – 193 pp. – www.dissercal.com. (Date of request: 22.09.2020)*
8. *Toffler O. The Problem of Power on the Threshold of the XXI-st Century // Free Ideas. 1992, N2. – p. 16*
9. *Zokirov G. N. Politology. Dushanbe: Er-Graph, 2010. – 520 pp.*
10. *Gadjiyev K.S. Politology. - M.: Logos, 2001. – 488 pp.*
11. *Komissarov V.S. State Service and MM. Voronezh Publishing-house named after Ye A. Bolhovitinov. 2003. – 210 pp.*
12. *Access to Information in Tajikistan (2005-2009). The present report is prepared by the experts of the National Association of Independent MM of Tajikistan in the frames of the project "Strengthening of the Network of Assistance in the Freedom of Speaking out in*

*Tajikistan" by the Support of "Internews Network"Representation in Tajikistan and USA Agency on International Development (USAID). http: //nansmit.tj /13958/*

13. *Tajikistan Republic Constitution. Dushanbe. 2003. – 41 pp.*
14. *Karshibayev N. Power and Press: Interaction of Press-Services of State Bodies with MM (Guide-book for press-secretaries and journalists on access to information). Dushanbe: Sarmad-Company. 2013. – 101 pp.*
15. *Political Science: Foundations. Bd 2. Stuttgurt; Berlin; Cologne, Mianz. Klaus von Beume publishing-house. 1987. -p. 60 (in German)*